## Хулосаи

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии ДМТ оид ба диссертатсияи Мамадқулова Р.О. дар мавзуи «Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар аввали асри XX1: шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати берунӣ.**

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илми таърих, профессор Мирзоев Н.М. (раис), доктори илми таърих, профессор Латипов Ҷ.Л., доктори илми таърих, профессор Собирова Қ. рисолаи илмии Мамадқулова Р.О.-ро дар мавзуи «Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар аввали асри XX1: шароитҳо ва хусусиятҳо» мавриди омӯзиш ва санҷиш қарор дода ба хулосаи зерин омад.

Рисола ба яке аз масъалаҳои мубрам ва доғи руз ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони истиқлолият бахшида шудааст. Дарёфти истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон заминаи мусоидро барои густариши робитаҳои байни ду кишвар фароҳам сохт. Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар фазои нави сиёсӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ самту сифат ва вусъати бештар касб намуданд.

Дар рисола ҳамкориҳои ду ҳамсоякишвар дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, илму фарҳанг ва дурнамои он мавриди таҳлили амиқ карор дода шудааст. Сохтори рисола мантиқан дуруст тартиб дода шуда, фарогири ҳама ҷанбаҳои мавзуъ мебошад. Рисола аз муқаддима, 3-боб, 6-зербоб, хулоса ва номгӯи адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, ҳадаф, вазифа ва навгониҳои таҳқиқот нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, давраҳои хронологии таҳқикот дараҷаи омӯзиши мавзуъ, таҳилили сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда баён ёфтааст.

Боби аввал «Заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон» аз ду зербоб иборат буда дар он заминаҳои таърихӣ, ташаккул ва рушди робитаҳои халқҳои тоҷику узбек аз даврони пешин то ба имрӯз баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ба сарчашмаҳои таърихӣ такя карда, зикр намудааст, ки робитаҳои халқҳои тоҷику узбек таърихи қадима дошта ба умқи асрҳо мерасанд. Ҳамзистӣ дар фазои ягонаи сиёсӣ ва ҷуғрофӣ, пайравӣ ба арзишҳои умумибашарӣ боиси ташаккули тамаддуни муштараки ин халқҳо гардид ... онҳо тӯл сиргузор буда, ин халқҳоро бо ҳам хеле наздик

месохт. Таърихи муштарак шевои кору зиндагӣ ба халқҳои тоҷику узбек заминаи мусоидро барои таҳкими робитаҳои дӯстиву бародарӣ дар даврони нав фароҳам сохт. Дар садаи охир дӯстии ин халқҳо аз имтиҳони таърих гузашта, дар сохтмони иншоотҳои бузурги аср бунёдӣ неругоҳҳои Қайроққум, Норак, канали Фарғона, азхудкунии водии Вахш, заминҳои бекорхобидаи Мирзогул, Дилварзин, Ашт собит гардиданд.

Ҳамкориҳои фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳими робитаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ҳисоб мераванд. Баргузории рӯзҳои адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромада, комёбиҳои санъати халқҳои тоҷику узбекро тараннум мекард.

Дар ин боб заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Узбекистон дар даврони истиқлолият таҳқиқ карда шуданд. Дар рисола қайд гардидааст, ки робитаҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 22-юми октябри соли 1992 барқарор гардида, имрӯз робитаҳои ду кишвар дар қаринаи сиёсати дарҳои боз ба сатҳи шарикии стратегӣ табдил ёфтаанд. Робитаҳои ду кишвар дар асоси риояи усулҳои ҳуқуқҳои байналхалқӣ, яъне баробарӣ, эҳтироми тарафайн, ҳамкориҳои судманд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар сурат мегиранд, ки натиҷаи муфид ба бор овარданд.

Саҳми Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар барқарор кардани сулҳи тоҷикон хеле назаррас аст. Дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҳазорҳо гурезагони тоҷик дар Ӯзбекистон ба худ паноҳгоҳ ёфтанд. Ӯзбекистон дар ин солҳои вазнин ба Тоҷикистон ҳазорҳо тон ёрии башардустона мерасонид.

Президенти Узбекистон Ислом Каримов барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон чандин маротиба ба созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид муроҷиат намуда аз ин созмони ҷаҳонӣ дархост намуд, ки ба Тоҷикистон неруҳои сулҳовари байналхалқӣ фиристода шавад. Ӯзбекистон дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон ҳамчун кишвари нозир иштирок дошт ва ба итмоми ҷанг ва имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ саҳми арзанда гузошт.

Боби дуюми рисола «Вазъ ва ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар қаринаи сиёсати дарҳои кушод» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл муаллиф тадбирҳо ва чорабиниҳои фарҳангие, ки дар ҳарду кишвар бо иштироки ҳунармандони тоҷику узбек баргузор мегарданд тасвир ва таҳлил намудааст.

Баргузории даҳаҳои адабиёт ва санъат, фестивалҳои мардумии «Шарқ тароналари», фалак, садои дилҳо, ҷашни наврӯз, сафарҳои ҳунарӣ ҳамкориҳои синамогарон аз ҷумлаи чунин рӯйдодҳои хотирмони фарҳангӣ ба шумор меравад, ки ба ҳукми анъана даромадаанд. Дар ин фасл фаъолияти марказҳои тоҷикии «Ориёно» дар Тошканд, «Офтоби Бухоро» таҳлил гардиданд.

Нашри китоб ва асарҳои шоирону нависандагони Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ба тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва башардустӣ, тарғиби дустии халқҳои тоҷику узбек мусоидат менамоянд. Дар рисола қайд гардидааст, ки сайёҳӣ байни халқҳои ду кишвар хеле афзудааст, ёдгориҳои таърихии Самарқанду Бухоро, Хеваву Хоразм сафи сайёҳони тоҷикро ба ин ҳамсоякишвар сол то сол зиёд менамояд.

Боби сеюми рисола «Шароит ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Узбекистон дар қаринаи шарикии стратегӣ» номгузорӣ гирдида ба дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба бахшида шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон узви фаъоли созмонҳои ҷаҳонӣ СММ, СҲШ буда дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҷаҳонӣ пешсафанд. Муаллиф қайд мекунад, ки дурнамои ҳамкориҳо дар қаринаи шарикии стратегӣ байни Тоҷикистону Ӯзбекистон вусъатёбанда ва ҷавобгӯи тақозои замон ва майлу хоҳиши халқҳои тоҷику узбек аст.

Ин ҳамкориҳои даврони навин ба санадҳои муҳими байнидавлатӣ аз ҷумла Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ ва Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон имзо гардида, асос ёфтааст.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳо дар мавриди вусъат додани ҳамкориҳои дуҷониба баён гардиданд.

Услуби нигориши илмӣ ва таҳлилу тафсири мавзӯъ мантиқан дуруст ва асоснок баён гардидаанд.

Рисола аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки онҳо бештар хислати техникӣ ва орфографӣ доранд.

Мутолиаи рисола комиссияи экспертии шурои диссертатсиониро ба хулосае овард, ки онро ба барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз руи ихтисоси таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати берунӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ ба сифати муқарризони расмӣ доктори илми таърих Набиев В.М. ва номзади илми таърих Файзов Н.Н. ба сифати муассисаи пешбар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро пешниҳод менамояд.

Раиси комиссияи экспертӣ Мирзоев Н.М.

Аъзоёни комиссия Латифов Дж.Л.

Собирова К.Д.

24 январи с. 2024